# САФОРАТИ ҶОПОН ТОҶИКИСТОН

Шаҳри Душанбе, кӯчаи Шоҳтемур 53/71,
ошёнаи 2, Тел: 992 44 600 54 77/78
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp

From
the People of Japan

# EMBASSY OF JAPAN TAJIKISTAN

53/71 Shohtemur St., 2nd Floor, Dushanbe,
Tel: 992 44 600 54 77/78
E-Mail: embjpn@db.mofa.go.jp


## ИЗҲОРОТИ МАТБУОТӢ

## МАРОСИМИ АНҶОМЁБИИ ЛОИҲАИ «ТАҲКИМ ВА ТАҶДИДИ ТАҶҲИЗОТИ ТИББИИ МАРКАЗИ САЛОМАТИИ ШАҲРИИ № 14-И ШАҲРИ ДУШАНБЕ» ДАР ДОИРАИ КУМАКИ РАСМИИ РУШД АЗ ТАРАФИ ҲУКУМАТИ ҶОПОН

**Душанбе, Тоҷикистон**

11-уми августи соли 2026, муовини парлумонии вазири корҳои хориҷии Ҷопон, **хонум ЭРИ Арфия,** бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷопон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, **хонум ФУРУТА Кэйко,** муовини сардори Раёсати тандурустии шаҳри Душанбе **ҷ-би СОБИРЗОДА Атобой** ва директори Муассисаи давлатии Маркази саломатии шаҳрии №14-и шаҳри Душанбе **ҷ-би ҲАМИДЗОДА Ҳомидҷон** дар маросими анҷомёбии лоиҳаи «Таҳким ва таҷдиди таҷҳизоти тиббии маркази саломатии шаҳрии №14-и шаҳри Душанбе» ширкат варзид. Дар маросим кормандони тиббии маркази болозикр низ иштирок карданд.

Лоиҳаи мазкур дар доираи Барномаи Ҳукумати Ҷопон - кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ (GPP) бо маблағи **352 530 доллари ИМА** амалӣ гардид.

Ба Маркази номбурда, ки дар яке аз ноҳияҳои сераҳолии пойтахт, ноҳияи Сино ҷойгир аст се дастгоҳи флюорографии рақамии муосири ҷопонӣ дода шуд. Ин таҷҳизот имкониятҳои ташхисии Марказро ба таври назаррас васеъ намуда, барои сари вақт ошкор намудани бемориҳои пеш аз ҳама сироятӣ, мусоидат хоҳад кард.

Истифодаи ҳамзамони се адад таҷҳизот ба Марказ имкон медиҳад, ки акнун бе сарборӣ ба талаботи рӯзафзуни аҳолии зерҳадаф ва сокинони ноҳияи ҳамшафат самараноктар ва муассиртар ҷавоб диҳад. Ҳамчунин, бо истифодаи таҷҳизоти нав гузаронидани муоинаҳои нақшавии солонаи тиббии хонандагони муассисаҳои таълимии ноҳияи Сино пурсамартар хоҳад гашт.

Зимни маросим хонум **ЭРИ Арфия**, баъда аз изҳори сипоси амиқ барои пазироии гарму самимонаи ҷониби Тоҷикистон, қайд намуд, ки Ҷопон ҳамчун дӯсти боэътимоди Тоҷикистон тайи зиёда аз 30 сол аз замони ба даст овардани истиқлолият, бо Тоҷикистон дар соҳаҳои гуногун ҳамкорӣ менамояд, ки дар миёни онҳо соҳаи тандурустӣ мақоми махсусан муҳим дорад. Муовини парлумонии вазири корҳои хориҷӣ ҳамчунин таъкид намуд, ки ҳамкории мазкур ба таҳкими муносибатҳои дӯстона ва дӯстии байни ду кишвар мусоидат хоҳад кард.

**Ҷ-би СОБИРЗОДА Атобой**, **ҷ-би ҲАМИДЗОДА Ҳомидҷон** ва кормандони Марказ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Ҷопон ва мардуми он барои дастгирии расонидашуда изҳори сипос намуданд.

Ҳукумати Ҷопон ният дорад, ки дастгирии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии Тоҷикистонро идома диҳад.

*Барномаи кумакҳои бебозгашт барои бахши аъзами аҳолӣ «GGP» тарҳи Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд махсуб мешавад ва ба ҳокимиятҳои маҳаллӣ, соҳаи маориф ва тандурустӣ, ҳамчунин ба созмонҳои ғайридавлатӣ дода мешавад. Аз соли 1996 то инҷониб, дар барномаи «GGP»* ***474*** *лоиҳаро ба маблағи умумии* ***$39.9*** *миллион доллари ИМА дар Тоҷикистон амалӣ шудаст, аз ҷумла* ***121*** *лоиҳа дар соҳаи тандурустӣ татбиқ шуданд.*

*Барои маълумоти бештар роҷеъ ба Барномаи расмии Ҷопон оид ба рушд ба саҳифаи сомонаи зайл назар андозед* *https://www.tj.emb-japan.go.jp/itpr_ru/kusanone_r.html*






